«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.

«___» ____________ 2022с.

**НУСХА**

аз суратмаҷлиси ҷаласаи ғайринавбатии шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 2022, №4

**Раиси ҷаласа:** н.и.и., дотсент Нурализода А.Н.

**Котиб**: н.и.и., Махшулов С.Ҷ.

**Иштирок доштанд**: д.и.и., профессор Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Нурализода А.Н., н.и.и., профессор Бегматов А.А., н.и.и., Давлатов Х.М., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Муслихова Т.Т., н.и.и., Қараев Р.Х., н.и.и., и.в. дотсент Хоҷахонов А.А., н.и.и., и.в. дотсент Махшулов С.Ҷ., н.и.и., муаллими калон Хоҷаев Б.Б., н.и.и., муаллими калон Сафаров А.И., н.и.и., муаллими калон Сафаров Қ.С. муаллимони калон: Зубайдов Ҷ.И., Нуров М.Р., Қодиров Ҷ.А., Абдулҳаев Ҳ., Мирзоқурбонов Н.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи молияи ДДМИТ Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст.

**Шунида шуд:** Баромади унвонҷӯи кафедраи молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» шунида шуда, оид ба масъалаи мазкур саволҳо ба унвонҷӯ аз ҷониби аъзои шурои олимони факултет д.и.и., профессор Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., профессор Бегматов А.А., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н. ва дигарон дода шуда, ба саволҳои онҳо унвонҷӯ Халифазода Саидаҳтам ҷавобҳои мушаххас доданд.

**Баромад карданд:** муқарризи холис - н.и.и., дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадкиқотии “Молия” Ҷумъабоев Х.Қ., қайд карданд, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи рушди низоми

андозӣ ва маъмурикунонии он дар шароити муосир хеле хуб истифода намудааст. Диссертатсия сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ гардидааст, инчунин хулосаю пешниҳодҳои муаллиф илман асоснок гардидааст. Ҳамаи эрод ва пешниҳодҳо дар тақриз ба таври амиқ оварда шудаанд (тақриз замима мегардад).

Муқарризи холис - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулов Ш.: мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам мавзуи бисёр муҳим ва рӯзмара барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи истифодаи низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои актуалӣ ва ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро пас аз ислоҳи эроду камбудиҳо баррои муҳокимаи оянда тавсия додан мумкин аст (тақриз замима мегардад).

**Муҳокима**: Дар муҳокима д.и.и., профессор Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Нурализода А.Н. баромад намуда, қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасӣ намудаи унвонҷӯи кафедраи молияи ДДМИТ Халифазода Саидаҳтам ба талаботҳои шароити муосир ва дурнамои инкишофи он ҷавобгӯ буда, мавзуи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ диссертатсия дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳо ҷавобгӯ буда, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи Ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди ДДМИТ пешниҳод карда шавад;

3. Қарори шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2022, суратмаҷлиси №4 тасдиқ карда шавад.

4. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шӯрои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор- 18;
Муқобил- нест;
Бетараф- нест.

**Раиси ҷаласа:**
Декани факултети молия ва қарз
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Нурализода А.Н.

**Котиби илмӣ:**
н.и.и., дотсенти
кафедраи фаъолияти бонкӣ Махшулов С.Ҷ.

**Муқаррризи холис:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
директори Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии “Молия” Ҷумъабоев Х.Қ.

**Муқаррризи холис:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи андоз ва
андозбандии ДМТ Гулов Ш.

Имзоҳои Нурализода А.Н., Махшулов С.Ҷ. ва Ҷумъабоев Х.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

Имзои Гулов Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э